# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод гардидааст.

Солҳои охир таваҷҷуҳ бо ёрии фитогормонҳо аналогҳои синтетикии онҳо дар масъалагузории танзими афзоиш ва инкишофи растаниҳо ба хусус дар навъҳои гандум торафт муҳимтар мегардад. Дар соҳаҳои кишоварзӣ ва хоҷагии халқ истифодаи амалии онҳо васеъ буда, боиси баланд гардидани ҳосилноки шуда ва хусусиятҳои бисёр муфид дорад. Оид ба афзоиштанзимкунандаҳо дар охири асри XIX назария пешниҳод карда шудааст. Назария оид ба афзоиши гормонӣ дар аввали солҳои 1924-1927 рӯйи кор омад, ки он сабаби ҳаракатҳои геотропӣ ва фототропиро фаҳмонида дод. Оид ба корҳои васеъи таҷрибавӣ ва омӯзиши мушкилоти таъсири моддаҳои синтетикӣ ба афзоиш ва инкишофи организми растаниҳо, ин пеш аз ҳама синтези тезоби индолил-3-атсетат (ТИА) имкон дод, ки чунин корҳо оғоз карда шаванд.

Сарфи назар оид ба корҳои таҳқиқгарони хориҷиву ватанӣ оид ба афзоиштанзимкунандаҳои рустаниҳо дар организмҳои онҳо равандҳои аниқу дақиқии онҳо то ҳоло маълум нагардидааст. Новобоста аз қатъи назар аз ҷиҳати илмӣ бо далелу равшвну возеҳ исбот нагардидааст.

Нисбат ба ҳамаи натиҷаҳои илман дақиқу равшан возеҳ нигоҳ на намуда оид ба афзоиштанзимкунандаҳо барои дарки фаъол намудан дар рустаниҳо доир ба афзоиштанзимкунандаҳо натиҷаҳои мусбат доданд, ки ҳар сол дар дунё қариб ҳазорҳо тона маводи ёрирасон синтез намуда ва ҳосилкардани моддаҳои ба ин раванд монанд ба даст оварда мешаванд.

Тибқи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки кори диссертатсионии С.Э. Асоев, ки дар дараҷаи дурусти таҷрибавию назарияви иҷрокарда шудаанд, натиҷаҳо ва шаҳру эзоҳоти онҳо, инчунин хулосаҳои баровардашуда бо эътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона автореферати диссертатсия аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии корро коста намегардонанд. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо чунинанд:

1. Таъсири афзоишидоракунандагии моддаҳои таҳқиқшуда аз кадом консентратсия ва аз мавҷудияти кадом аминокислотаҳо вобаста аст нофаҳмо?
2. Механизми таъсири афзоишидоракунандагии моддаҳои таҳқиқшуда ба равандҳои биохимиявии тухмиҳо аз мавҷудияти кадом гурӯҳҳои функсионалӣ вобаста аст нофаҳмо?

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия мебошад.

**Такриздиҳанда:**

Доктори илмҳои биология,
профессор, узви вобастаи АМИТ
сарходими илмии озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези
Институти ботаника, физиология ва генетикаи
растании АМИТ Ҷумъаев Б.Б.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Гипрозем,
бинои 30-2, ҳуҷраи 41. Тел.: (+992) 93-502-03-95,
E-mail: bahshullo@mail.ru

«18» 08 соли 2025

Имзои Ҷумъаев Б.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Карамов 27.
тел: (+992-37) 224-71-88; 225-80-83. E-mail: ibfgr@bk.ru

«18» 08 соли 2025